**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 102)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи: «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

Хусусият ва мундариҷаи сиёсати андози давлат аз бисёр омилҳо, аз ҷумла вазъи иқтисодии мамлакат ва ҷаҳон, инчунин сатҳи таваррум вобастагӣ дорад. Сиёсати андози давлат маҷмӯи тадбирҳо оид ба танзими иқтисодиёт тавассути андоз, муқаррар намудани сатҳи муносиби гаронии андоз вобаста ба марҳилаи мушаххаси рушди иқтисодии кишвар ва ҳадафҳои стратегии он мебошад. Сиёсати андоз ба механизми андозии танзими иқтисодиёт асос ёфта, амнияти молиявию иқтисодии кишвар, аз ҷумла амнияти андозро таъмин менамояд. Танзими гаронии андоз дар ҳамбастагӣ бо бисёр унсурҳои дигар ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти кишвар ва иқтисодиёти он таъсиргузор мебошад. Маҳз танзими гаронии андоз рушди иқтисодиро дар кишвар муайян месозад.

Сиёсати андоз ба консепсияи андозбандӣ асос меёбад, ки ҷузъҳои онро афзалиятҳои давлат дар соҳаи андозбандӣ (манфиатҳои фискалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ) ташкил медиҳанд. Афзалияти манфиатҳои фискалии давлат даромади буҷетро таъмин намуда, ҳамзамон, боиси баланд гардидани гаронии андоз мешавад. Дар ин ҷода, андоз ҳамчун механизми тақсим ва аз нав тақсимкунии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар самти расидан ба амнияти иқтисодӣ накши калидӣ мебозад, зеро ба рафъи тафовути тақсимоти даромад мусоидат менамояд.

Бо назардошти он ки андоз ҳамчун манбаи асосии даромади давлат бо маблағгузории хароҷоти он алоқамандӣ дорад, муносибатҳои танзими гаронии андоз бояд назорати давлат қарор гирифта, амалӣ карда шавад. Давлат ҳангоми татбиқи танзими гаронии андоз ба қонунгузории андоз такя намуда, унсурҳои низоми андозбандӣ – меъёри андоз, манбаи андоз, имтиёзҳои андоз ва муҷозотро истифода менамояд. Танзими гаронии андоз дар доираи ваколатҳои пешбинигардида метавонад дар сатҳи давлат ва минтақа амалӣ гардад.

Масоили болозикрро ба инобат гирифта, муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки танзими гаронии андоз дар меҳвари сиёсати иқтисодии давлат қарор

дошта, пешрафти иқтисодиёт аз самарабахшии низоми андозбандӣ вобастагӣ дорад. Ҳангоми татбиқи танзми гаронии андоз дар марҳилаи мушаххаси рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар бояд сатҳи муносиби андозбандӣ муқаррар карда шавад.

Аз таҳқиқ бармеояд, ки гаронии андоз дар кишвар наметавонад бетағйир бошад, зеро вобаста ба омилҳои дохилию беруна ва ҳадафҳои стратегӣ, ки дар марҳилаи муайяни рушди кишвар гузошта мешаванд, мутобиқ карда мешавад. Зимнан, сарфи назар аз тағйироти воридгардида ба қонунгузории андоз, дар низоми андоз номуайянӣ ва норавшаниҳо ҷой доранд. Маъмулан, чунин тағйирот хусусияти муназзам надошта, ба мақсади ғанӣ гардонидани буҷети давлат ворид карда шудаанд. Таҳдиди назарраси дохилӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон номукаммалии низоми андоз буда, дар сарфи назар кардани хусусиятҳои минтақавии иқтидори иқтисодӣ, молиявӣ ва андоз, инчунин ҷой доштани андозбандии дукарата, шакли мутаносиби андозбандӣ зоҳир мегардад.

Дисертант дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда усулҳои ҳисобкунии гаронии андозро пешниҳод намудааст (ҷадвали 2, саҳ. 11-уми автореферат), ки истифода аз усулҳои овардашуда, ҳангоми банақшагирии андозҳо дурустии ҳисоб намудани сатҳи гаронии андозро таъмин менамоянд.

Ҷиҳати дигари муҳими диссертатсия, ки аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки баррасии самти таъмини суботи молиявӣ, такмили низоми андозбандӣ ва баланд бардоштани самаранокии идораи молияи давлатӣ ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ байён намуда, сатҳи гаронии андоз ва афзоиши ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2022 нишон додааст. (диаграммаи 1, саҳ. 15-уми автореферат)

Бояд қайд кард, ки нуктаҳои пураҳмият ва барои амалияи танзими гаронии андоз дар диссертатсия зиёд мебошад, вале бо вуҷуди ин, тавре таҳқиқи автореферат собит кард, он дорои баъзе камбудиҳо низ мебошад, ки хусусияти тавсиявӣ дорад. Масалан, муаллиф ҳангоми таҳлили асосҳои назариявию методии танзими гаронии андоз аз таҷрибаи хориҷӣ дар танзими гаронии андоз мавриди таҳқиқ қарор додааст, аммо тавсияҳо вобаста ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ барои рушди танзи гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кам ба назар мерасад.

Бояд қайд намуд, ки эроди мазкур тавсиявӣ буда, довталаби дараҷаи илмӣ метавонад онҳоро дар таҳқиқоти минбаъдаи худ ба инобат гирад.

Хулосаи умумӣ аз омӯзиши муҳтавои автореферат чунин аст, ки диссертатсия дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва дигар муқарраротӣ Тартиби додани дараҷаи илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович барои сазовор донистан барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) арзанда мебошад.


**Тақриздиҳанда:**
Муовини декани факултети гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, номзади илмҳои иқтисодӣ Б.Р. Мирзоев

**Имзои Б.М. Мирзоевро тасдиқ менамоям:**
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназаров

**Суроға:**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
**E-mail:** tjbaha@yandex.ru
**Телефон:** (+992 93) 538 42 42


17 июли соли 2024